«Тасдиқ шудааст»
бо қарори Шӯрои нозирони
Хазинаи суғуртаи амонату
пасандозҳои Тоҷикистон
№_17_ аз «_11_» __08__ с.2023

# Тартиби пешбурди Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Тартиби пешбурди Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо (минбаъд – Тартиб) мутобиқи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо» аз ҷониби Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд – Хазина) таҳия шуда, тартиби таҳия ва пешбурди Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо (минбаъд - Феҳрист), аз ҷумла тартиби ба Феҳрист дохил ва аз он хориҷ намудани ташкилотҳои қарзӣ, ворид намудани тағйирот ба Феҳрист ва пешниҳоди маълумоти Феҳристро муқаррар менамояд.

## 2. Таҳия ва пешбурди Феҳрист

2. Хазина феҳристдори ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳои аъзои Хазина буда, пешбурди Феҳристро ба зимма дорад.

3. Феҳрист барои баҳисобгирии ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо таҳия гардида, он аз рӯйхати ташкилотҳои қарзии аъзои Хазина иборат мебошад.

4. Феҳрист маълумоти зерини ташкилоти қарзиро дар бар мегирад:

1) номи пурра;
2) суроғаи (маҳалли ҷойгиршавӣ);
3) рақами шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ;
4) рақами мушаххаси андозсупоранда;
5) рақами мушаххаси бонкӣ;

6) рақам, санаи додани иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои анҷом додани фаъолияти бонкӣ;

7) рақам, санаи дохил намудани ташкилоти қарзӣ ба Феҳрист;

8) рақам, санаи додани Тасдиқнома дар бораи узвият;

9) санаи бозхонди иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ва шакли барҳамдиҳӣ;

10) санаи хориҷ намудани ташкилоти қарзӣ аз Феҳрист ва бозхонди тасдиқномаи узвият.

5. Маълумоти зербандҳои 1-6 банди 4 Феҳрист дар асоси маълумоти пешниҳоднамудаи ташкилоти қарзӣ барои шомил шудан ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ворид карда мешавад.

6. Рақами Тасдиқномаи ташкилоти қарзӣ дар бораи узвият ба Хазина, рақами бақайдгирӣ дар Феҳрист мебошад. Рақами узвият пайдарпай бо мурури бақайдгирии ташкилотҳои қарзӣ дар Феҳрист сабт карда мешавад.

7. Асос барои дохил ё хориҷ намудани ташкилоти қарзӣ аз Феҳрист қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи додани иҷозатномаи фаъолияти бонкӣ ё бозхонди он мебошад.

8. Феҳрист ҳар моҳ дар шакли электронӣ аз рӯи замимаи №1 Тартиби мазкур пеш бурда мешавад.

9. Ҳангоми пешбурди Феҳрист барои ҳар як ташкилоти қарзӣ, ки дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ба қайд гирифта шудааст, парванда кушода мешавад. Дар парванда нусхаи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи ташкилоти қарзӣ ва дигар маълумоти дахлдор, ки маълумоти дар Феҳрист дарҷгардидаро тасдиқ менамояд, ворид карда мешавад.

## 3. Тартиби дохил ва хориҷ намудани ташкилотҳои қарзӣ аз Феҳрист

10. Ҳар як ташкилоти қарзие, ки иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистонро барои ҷалби амонату пасандозҳо дорад узви Хазина ва низоми суғуртаи амонату пасандозҳо мебошад.

11. Тартиби дохил ё хориҷ намудани ташкилоти қарзӣ ба/аз Феҳрист дар асоси талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби мазкур сурат мегирад.

12. Ташкилоти қарзӣ барои шомил гардидан ба узвияти низоми суғуртаи амонату пасандозҳо бояд ба Хазина бо дархост муроҷиат намуда, ба он нусхаи ҳуҷҷатҳои зеринро пешниҳод намояд:

1) иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон барои ҷалби амонат ва пасандозҳо;

2) шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ;

3) иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ;

4) рақами мушаххаси бонкӣ (иқтибос);

5) ҳисоботи тавозунӣ ба санаи охирин;

6) маълумот оид ба маблағи ҳисобшуда ва пардохтшудаи ҳаққи узвият (супоришномаи пардохти ҳаққи узвият).

13. Хазина пас аз қабули ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи ташкилоти қарзӣ, дар давоми се рӯзи корӣ ташкилоти қарзиро ба Феҳрист дохил намуда, ба он Тасдиқнома дар бораи узвият дар Хазинаро месупорад.

14. Санаи дохил намудани ташкилоти қарзӣ ба Феҳрист, санаи ба он супоридани Тасдиқнома дар бораи узвият дар Хазина ҳисобида мешавад.

15. Узвияти ташкилоти қарзӣ дар Хазина тавассути хориҷ кардани он аз Феҳрист қатъ мегардад. Хазина ҳангоми бозхонди иҷозатномаи ташкилоти қарзӣ барои анҷом додани фаъолияти бонкӣ бинобар сабаби барҳамдиҳии маҷбурӣ ва ё ихтиёрӣ, инчунин азнавташкилдиҳӣ, ташкилоти қарзиро аз Феҳрист хориҷ карда, тасдиқномаи узвиятро бозхонд менамояд.

17. Хазина дар давоми се рӯзи корӣ баъди бозхонди иҷозатномаи ташкилоти қарзӣ дар асоси маълумоти аз ташкилоти қарзӣ ё Бонки миллии Тоҷикистон оид ба бозхонди иҷозатномаи фаъолияти бонкӣ гирифташуда, ташкилоти қарзиро аз Феҳрист хориҷ менамояд.

18. Тасдиқнома дар давоми даҳ рӯзи корӣ аз рӯзи аз Феҳрист хориҷ карда шудани ташкилоти қарзӣ ба Хазина баргардонида мешавад.

19. Хазина ташкилоти қарзиро оид ба дохил ё хориҷ намудани он ба/аз Феҳрист ба таври хаттӣ хабар медиҳад.

## 4. Тартиби ворид намудани тағйирот ба Феҳрист

20. Ҳар гуна тағйироте, ки дар шакли ташкилию ҳуқуқии ташкилоти қарзии узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ба вуқуъ меояд, аз ҷониби Хазина дар асоси маълумоти пешниҳодшудаи Бонки

миллии Тоҷикистон ба Феҳрист тағйироти дахлдор ворид карда мешавад.

21. Дар сурати азнавташкилдиҳии ташкилоти қарзии узви Хазина (ба истиснои табдилдиҳӣ), ташкилоти қарзии мазкур аз Феҳрист хориҷ карда мешавад ва дар як вақт ташкилоти қарзии азнавташкилшуда бо назардошти пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ тибқи муқаррароти зербандҳои 1-5 банди 12 Тартиби мазкур дар Феҳрист тағйироти дахлдор ворид карда шуда, ташкилоти қарзии азнавташкилдодашуда ба Феҳрист дохил карда мешавад.

22. Ташкилоти қарзие, ки бинобар азнавташкилдиҳӣ дар шакли табдилдиҳӣ аз нав ташкил дода шудааст, тағйирот бо роҳи аз Феҳрист хориҷ намудани ин ташкилот ва дар як вақт бо назардошти пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои зарурӣ тибқи муқаррароти зербандҳои 1-6 банди 12 Тартиби мазкур, дар Феҳрист дохил карда мешавад.

23. Ҳангоми тағйир ёфтани номи ташкилоти қарзии узви Хазина ташкилоти қарзӣ дар муддати се рӯзи корӣ аз рӯзи гирифтани шаҳодатнома дар бораи азнавбақайдгирии давлатӣ дар бораи тағйир ёфтани номи ташкилоти қарзӣ ба Хазина дар шакли хаттӣ хабар медиҳад.

24. Ҳангоми тағйир ёфтани номи ташкилоти қарзӣ, Хазина дар муддати даҳ рӯзи корӣ пас аз гирифтани ҳуҷҷати тасдиққунанда аз ташкилоти қарзӣ ивази Тасдиқномаи ташкилоти қарзиро бо ворид намудани тағйирот дар феҳристи ташкилотҳои қарзии узви Хазина амалӣ менамояд. Дар боробари ин, Тасдиқномаи қаблии ба ташкилоти қарзӣ додашуда аз эътибор соқит дониста шуда, бозпас гирифта мешавад.

25. Ба Феҳрист танҳо дар ҳолати ба Хазина пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳои дахлдори тасдиққунанда, тағйирот ворид карда мешавад.

## 5. Тартиби пешниҳоди маълумоти Феҳрист

26. Хазина ҳар семоҳа ба Бонки миллии Тоҷикистон Феҳристи ташкилотҳои қарзии – узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳоро пешниҳод менамояд.

27. Хазина ба ташкилоти қарзӣ оид ба дохил ва ё хориҷ намудани он аз Феҳрист на дертар аз як рӯзи корӣ пас аз санаи қабули қарори дахлдор тибқи замимаҳои №2 ва №3 Тартиби мазкур хабарнома ирсол менамояд. Ҳангоми қатъ гардидани фаъолияти ташкилоти қарзӣ

бинобар азнавташкилдиҳӣ, хабарнома ба ташкилоти қарзӣ дар хусуси хориҷ намудани он аз Феҳрист бо сабаби азнавташкилдиҳӣ ирсол карда мешавад.

28. Дар хабарнома оид ба дохил намудани ташкилоти қарзӣ дар Феҳрист ҷузъиёти суратҳисоби Хазина дар Бонки миллии Тоҷикистон, ки ба он мебояд маблағи пардохтҳои тақвимӣ ва дигар пардохтҳои тибқи қонун муқарраршуда гузаронида шаванд, инчунин, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба пешниҳоди ҳисоботҳо ба Хазина аз ҷониби ташкилоти қарзӣ нишон дода мешавад.

29. Ахбори иттилоотӣ оид ба дохил намудани ташкилоти қарзӣ ба Феҳрист ва ё хориҷ намудани он, аз ҷониби Хазина тибқи замимаҳои №4 ва №5 Тартиби мазкур дар давоми се рӯзи пас аз қабули қарори дахлдор дар воситаҳои ахбори омма интишор карда мешавад.

30. Иқтибос аз Феҳрист ба шахсони сеюм тибқи намунаи дар замимаи №6 Тартиби мазкур овардашуда, дар ҳолатҳои зарурӣ пешниҳод карда мешавад.

31. Нусхаи Феҳристи ташкилотҳои қарзӣ, ки дар охири соли молиявӣ узви Хазина буданд, дар Ҳисоботи солонаи Хазина дарҷ карда мешавад.

32. Феҳристи ташкилотҳои қарзии узви Хазина ҳар семоҳа дар сомонаи Хазина нашр карда мешавад.

**Замимаи № 1**
ба Тартиби пешбурди Феҳристи ташкилотҳои
қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

## Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

ба санаи "___" ______________ 20___ с.

| № | Номи пурраи ташкилоти қарзӣ | Суроғаи ташкилоти қарзӣ | Рақами шаҳодатнома бақайдгирии давлатӣ | Рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА) | Рақами мушаххаси бонкии (РМБ) | Рақам ва санаи додани иҷозатномаи БМТ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | Рақами иҷозатнома | Санаи иҷозатнома |
| | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 |
| | | | | | | | |

| Дохилшавии ташкилоти қарзӣ ба Феҳрист | | | | Хориҷшавии ташкилоти қарзӣ аз Феҳрист | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Рақам ва санаи дохил намудани ташкилоти қарзӣ ба Феҳрист | | Рақам ва санаи додани тасдиқнома дар бораи узвият ба Хазина | | Санаи бозхонди иҷозатномаи БМТ ва шакли барҳам-диҳӣ/азнавташкилдиҳӣ | | Санаи хориҷ намудани ташкилоти қарзӣ аз Феҳрист ва бозхонди тасдиқномаи узвият | |
| Рақами бақайдгирӣ | Санаи бақайдгирӣ | Рақами тасдиқнома | Санаи додани тасдиқнома | Сана | Шакли барҳамдиҳӣ | Сана | Асос |
| 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 |
| | | | | | | | |

**Иҷрокунанда:** __________________ ______________
(ному насаб) (имзо)

**Раиси Хазина** __________________ ______________
(ному насаб) (имзо)

**Замимаи № 2**
ба Тартиби пешбурди Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

**Хабарнома оид ба дохил намудани ташкилоти қарзӣ дар Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо**
(ба ташкилоти қарзӣ)

Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд – Хазина) иттилоъ медиҳад, ки мутобиқи моддаҳои 12 ва 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо", Хазина "Ташкилоти қарзӣ (*номи ташкилоти қарзӣ*)"–ро дар Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо аз санаи "___" _________ дохил намуд. "Ташкилоти қарзӣ (*номи пурраи ташкилоти қарзӣ*)" дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо таҳти рақами №___________ ба қайд гирифта шудааст. Бинобар узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳо гардидани ташкилоти қарзӣ (номи ташкилоти қарзӣ) ба он Тасдиқнома дода мешавад.

Ташкилоти қарзӣ ҳамчун иштирокчии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо уҳдадор аст, ки тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазина ҳисоботҳои дахлдорро ба Хазина пешниҳод намояд, маблағи пардохтҳои тақвимӣ ва дигар пардохтҳоро ба Хазина сари вақт пардохт намояд, ба пасандоздорон маълумотро оид ба иштироки худ дар низоми суғуртаи амонату пасандозҳо пешниҳод намояд, маълумотҳоро оид ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо дар ҷойҳои барои пасандоздорон дастраси ташкилоти қарзӣ ҷойгир намояд, баҳисобгирии феҳристи амонату пасандозҳои суғурташударо дар низоми автоматикунии бонкии худ ба роҳ монад.

Замима:
1) Тасдиқномаи ташкилоти қарзӣ;
2) Нусхаи санадҳои меъёрӣ ва намунаи ҳисоботҳои аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба Хазина пешниҳодшаванда;
3) Намунаи супоришномаҳои пардохтӣ.

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Раиси Хазина** | __________________ | ______________ | ______________ |
| | (ному насаб) | (имзо) | (санаи имзо) |

**Ҷ.М.**

**Замимаи № 3**
ба Тартиби пешбурди Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

**Хабарнома оид ба хориҷ намудани ташкилоти қарзӣ аз Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо**
(ба ташкилоти қарзӣ)

Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд – Хазина) иттилоъ медиҳад, ки мутобиқи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" аз санаи "___" _________с. 20___ , "Ташкилоти қарзӣ (номи пурраи ташкилоти қарзӣ)" бинобар сабаби (сабаби аз Феҳрист хориҷ намудани ташкилоти қарзӣ дарҷ карда шавад) аз Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо хориҷ карда шуда, дар ин асос Тасдиқномаи "Ташкилоти қарзӣ (номи пурраи ташкилоти қарзӣ)" таҳти №________ дар бораи узвият дар Хазина аз эътибор соқит дониста, бозпас гирифта мешавад.

Дар сурати азнавташкилдиҳии "Ташкилоти қарзӣ (номи пурраи ташкилоти қарзӣ)", ташкилоти қарзии азнавташкилшударо мебояд тибқи муқаррароти пешбинигардидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Хазина барои аъзошавӣ ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ба Хазина муроҷиат намояд.

**Раиси Хазина** __________________ ______________ ______________
(ному насаб) (имзо) (санаи имзо)

**Ҷ.М.**

**Замимаи № 4**
ба Тартиби пешбурди Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

**Ахбори иттилоотӣ оид ба дохил намудани ташкилоти қарзӣ дар Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо**
(барои нашр дар ВАО)

Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд – Хазина) иттилоъ медиҳад, ки мутобиқи моддаҳои 12 ва 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо", "Ташкилоти қарзӣ (номи пурраи ташкилоти қарзӣ" дар Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо аз санаи "___" _________ дохил карда шуда, ба он Тасдиқнома дар бораи узвият дар Хазина супорида шуд.

**Замимаи № 5**
ба Тартиби пешбурди Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

**Ахбори иттилоотӣ оид ба хориҷ намудани ташкилоти қарзӣ аз Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо**
(ба нашр дар ВАО)

Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон (минбаъд – Хазина) иттилоъ медиҳад, ки мутобиқи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" "Ташкилоти қарзӣ (номи пурраи ташкилоти қарзӣ)" бинобар сабаби (сабаби аз Феҳрист хориҷ намудани ташкилоти қарзӣ дарҷ карда шавад) аз санаи "___" _________с. 20___ , аз Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо хориҷ карда шуда, дар ин асос Тасдиқномаи "Ташкилоти қарзӣ (номи пурраи ташкилоти қарзӣ)" дар бораи узвият дар Хазина аз эътибор соқит дониста шуда, бозпас гирифта мешавад.

**Замимаи № 6**
ба Тартиби пешбурди Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

## Иқтибос аз Феҳристи ташкилотҳои қарзии низоми суғуртаи амонату пасандозҳо

ба санаи "___" ______________ 20___ с.

Номи ташкилоти қарзӣ ________________________________________________________

| Рақами Тасдиқномаи ташкилоти қарзӣ аз рӯи Феҳрист | Рақами шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии ташкилоти қарзӣ | Санаи дохил намудани ташкилоти қарзӣ ба Феҳрист |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |

**Раиси Хазина** __________________ ______________
(ному насаб) (имзо)

**Ҷ.М.**